**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

“29” 03 соли 2024 №73/уч шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9, ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 33, 34, сархати 2 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино аз 21 октябри 2023, №01/5347-1 “Дар бораи ба Амонов Шухрат Шодиевич додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Тибби клиникӣ” бинобар риоя нагардидани талаботи банди 9 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷииксон аз 30.06.2021, № 267) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Амонов Ш.Ш., танҳо пас аз 1 (як) сол аз рӯзи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Базаров Ш.Э.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №4.

Раис Давлатзода С.Х.

Нусха ба асл баробар аст

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ... ШУЪБАИ ...